«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии касбии Донишгоҳи славянии Тоҷикистон ва Россия, доктори илмҳои иқтисодӣ,
_________________ М.Қ. Файзулло
«_01_»________04________ соли 2024

## ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзуҳои мубрами илми ҳуқуқи конститутсионӣ – танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мутобиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Пеш аз ҳама бояд қайд намуд, ки то имрӯз дар доктринаи ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ проблемаи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия нагардида, масъалаи таҳқиқшаванда як қатор саволҳоро ҷамъ менамояд, ки ҷавобҳои назариявӣ ва халли амалиро

низ талаб мекунанд. Аз як тараф, сухан дар бораи навсозӣ ва такмили қонунгузории миллӣ меравад, ки дар он масоили танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккули дастгоҳи консептуалӣ, мавқеи он дар низоми дигар ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, механизмҳои амалишавӣ, кафолатҳо ва асосҳои маҳдудсозии он дар шароити ҳуқуқи муосири тоҷик ташаккул меёбад. Воқеан ҳам, масъалаи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёрҷанба мебошад. Вазифаи бунёди давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳкими ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ – амалии сатҳашон ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешаванд. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Қобили тазаккур аст, ки диссертант дар ҳалли як зумра масъалаҳои назариявӣ, ки марбут ба падидаи баррасишаванда мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон, андешаҳои илмиеро коркард намудааст, ки онҳо барои рушди илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ ва такмили қонунгузории конститутсионӣ метавонанд саҳми назаррасеро гузоранд. Ба назари муаллифи рисола, масъалаи баррасишаванда дар заминаи асосҳои бунёдии ҳуқуқӣ, ки дар он меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти аввалиндарада доранд. Аз ин рӯ, рисоланавис дар интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба иштибоҳ роҳ надода, балки мавзуи интихобнамудаи ӯ саривақтӣ ва мубрам мебошад.

Бахши дигари муваффақияти диссертант, ин аз нигоҳи назариявӣ пешниҳод намудани мафҳум ва моҳияти конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат мебошад. Муаллиф иброз менамояд, ки танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии

ҳуқуқи шахс ба меҳнат яке аз масъалаҳои мубрам ба шумор мераванд.

Масъалаи мубрамми дигаре, ки диссертант зери таҳқиқ қарор додааст, ин танзими ҳуқуқ ба меҳнат дар санадҳои байналмилалӣ мебошад, ки муаллиф онро ба ду гурӯҳ тақсим намудааст: санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дорои хусусияти умумӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии махсусгардонидашуда дар соҳаи меҳнат. Ба гурӯҳи якум тамоми санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки ҳуқуқи инсонро ба таври умум танзим мекунанд, аз қабили Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ва Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро мансуб донистан мумкин аст. Гурӯҳи дуюмро санадҳое ташкил медиҳанд, ки мавзуи танзими онҳо ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқ ба меҳнат - Конвенсия дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо, Конвенсияҳо ва тавсияҳои ТБМ мебошанд.

Ҳамзамон, амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат, озодии меҳнат ва дигар ҳуқуқҳои меҳнатӣ аз ҷониби шаҳрвандон дар таҳкими субот дар ҷомеа аҳамияти калон дорад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун давлати иҷтимоӣ муайян мекунад, ки сиёсати он ба фароҳам овардани шароите равона шудааст, ки зиндагии шоиста ва рушди озодонаии шахсро таъмин мекунад, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олии давлат эълон мекунад, ки бе татбиқи пурраи тамоми ҳуқуқҳои меҳнатӣ ғайриимкон аст.

Вактҳои охир тамоюли баланд бардоштани сатҳи ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон, алахусус ҳуқуқҳои судӣ, ки ҳуқуқи он низ бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода мешавад, қайд карда мешавад. Аммо механизми амалишавии ин ҳуқуқ дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дорад. Муносибати нави давлат ба ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва ташаккули механизмҳои ҳифзи он коркарди амиқи ҳамаи масъалаҳоеро талаб мекунад, ки мушкилоти бисёрҷанбаи механизми ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсиониро дар соҳаи меҳнат ташкил медиҳанд.

Ҳамин тариқ, интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо зарурати ҳалли пеш аз ҳама масъалаҳои назариявӣ, ки дар раванди таҳқиқи механизми ҳуқуқии таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ дар соҳаи меҳнат ба миён меоянд, вобаста аст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, аз номгуйи ихтисорот, муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи адабиёти истифодашудаву маъхазҳо таркиб ёфтааст.

Дар муқаддима мубраммияти мавзуи таҳқиҳотӣ асоснок гардидааст, дараҷаи инкишофи илмии он тавсиф шуда, асосҳои методологӣ ва назариявии кор, асосҳои меъёрӣ, ҳуқуқӣ-конститутсионии рисола нишон дода шудааст, нуктаҳои шаҳодатдиҳандаи навгонии илмӣ ва аҳаммияти амалии рисола, инчунин нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳчиҳот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ мухтасар дар бораи таҳқиқот ва сохтори диссертатсия оварда шудаанд.

**Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбат доштани таҳқиқоти унвонҷӯ баъзе масъалаҳои баҳснок ва норавшан ба мушоҳида мерасанд, аз ҷумла:**

1. Дар зербоби 1.2. муаллиф масоили танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнат дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалиро таҳлил намуда, қайд менамояд, ки он тавассути санадҳои меъёрии зиёд мавриди танзим қарор гирифта, барои таъмини риояи вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат пешбинӣ шудааст. Муаллиф танзимнамоии ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнатро ба се гуруҳ ҷудо намудааст - дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии марбут ба ҳуқуқи инсон, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст ва дар қонунгузории соҳавӣ.

Дар ҷараёни таҳлил муаллиф баён менамояд, ки қабули Конститутсияи соли 1994 дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ марҳалаи нав гардид. Дар фарқият аз аксари кишварҳои пасошӯравӣ дар Тоҷикистон, идомаи муқаррароти конститутсионие, ки ҳуқуқи меҳнатро

танзим мекарданд, нигоҳ дошта шуд. Ҳамзамон, ба он унсурҳои наве илова карда шуданд, ки аз мазмуни санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, бармеоянд. Дар ин ҷода аз матни рисола ба пуррагӣ дақиқ нест, ки кадом аз унсурҳои ҳуқуқи мазкур аз Конститутсияҳои қаблии даврони шӯравӣ дар матни Конститутсияи Тоҷикистон боқӣ мондаанд, ва кадоме аз онҳо унсурҳои нав мебошанд. Хуб мешуд, ки рисоланавис дар ҷараёни ҳимоя ин масъаларо бо пурраги инъикос менамуд.

2. Дар рисола муаллиф ба ду категорияи таснифоти ҳуқуқҳои инсон аҳаммияти бештарро додааст. Якум, вобаста ба иштироки давлат дар таъмин ва татбиқсозӣ – ҳуқуқҳои инсон ба ҳуқуқҳои амали фавридошта ва барномавӣ ва дуюм, аз ҷиҳати мазмун ва хусусияти муносибатҳои танзимшаванда – ҳуқуқҳои инсон шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мешаванд.

Ҳангоми таснифбанди ба гуруҳҳои мазкур муаллиф баъзе ақидаҳои баҳсбарангез пешниҳод намудааст. Масалан, ба андешаи ӯ ҳуқуқ ба меҳнат сарфи назар аз он ки ба шумораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ тааллуқ дорад, ҳуқуқи амали фавридошта мебошад. Мавқеи худро ӯ бо он асоснок менамоем, ки дар шароити муосир амалӣ кардани ин ҳуқуқ, пеш аз ҳама, ба худи шахс вобаста мебошад. Вазифаи давлат аз он иборат аст, ки барои иҷрои он шароити зарурирo фароҳам оварад.

Дуруст аст, ки вазифаи давлат дар ин самт таъмини шароити мусоид барои бо кор таъминкунии шаҳрвандон мебошад, аммо ин маънои он надорад, ки давлат бояд ҳамаро ба кор таъмин намояд ва дар ҳолати бо кор таъмин накардан, шахс метавонад ба суд барои таъмин кардан бо ҷои кор мурочиат кунад. Хуб мешуд, ки муаллиф дар ҷараёни ҳимоя муаллиф ақидаи худро пурра баён намояд.

3. Дар зербоби 2.3. муаллиф маҳдудсозии ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намудааст. Ӯ қайд менамояд, ки масъалаи танзими

конститутсионии маҳдудиятҳои ҳуқуқ ба меҳнат дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи якҷоякунии банди умумӣ ва тавзеҳҳои мушаххас ба амал баровварда мешавад, яъне асосҳои умумии татбиқи маҳдудиятҳо дар моддаҳои 14 ва 47 Конститутсия муқаррар гардида, қайдҳои мушаххас бошад, дар қисмҳои 2 ва 4 моддаи 35 Конститутсия мустаҳкам шудаанд, яъне Конститутсияи кишвар дар мавриди маҳдудиятҳои ҳуқуқи меҳнат ҳам талаботи умумӣ ва ҳам махсусро муқаррар намудааст. Аммо дар раванди омузиши масъалаи мазкур дар ин зербоб муаллиф бештар ба масоили умумии маҳдудияти ҳуқуқ ба меҳнат эътибор додааст. Ҳолатҳое, ки ба сифати маҳдудияти махсус баромад мекунанд, ба андешаи мо бо таври кофӣ баррасӣ нашудаанд, масалан маҳдудиятҳо нисбат ба хизматчиёни давлатӣ, соҳибкорон ва дигар гуруҳи нафароне, ки ба фаъолияти меҳнати машғуланд.

4. Дар рисола муаллиф намудҳои гуногуни ҳимояи ҳуқуқи мазкурро таҳлил намудааст. Эътибори зиёд аз ҷониби муаллиф насбати ҳимояи судӣ оварда шудааст, аммо мутаъсифона дар кор таҳлили таҷрибаи судӣ, яъне теъдоди муроҷиатҳо ба суд ва қарорҳои қабулшуда нисбати ин муроҷиатҳо таҳлил нашудааст.

Бояд қайд намуд, ки ин эродҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аввалин рисолаи мукаммал оид ба танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Нуктаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, навгонии рисолаи илмӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузоштащудаpo инъикос менамоянд. Аҳаммияти ҳуқуқӣ-конститутсионии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он аст, ки маводи ин рисола фаҳмишҳои илмиро оид ба танзими ҳуқуқӣ- конститутсионии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумхурии Тоҷикистон мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти

минбаъда дар ин самт, ҳамчун сарчашма баромад менамоянд. Нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар рисолаи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву такмили қонунгузории конститутсионӣ саҳмгузор бошанд. Инчунин, натиҷаҳои рисоларо метавон дар таълими фанни «Ҳуқуқи конститутсионӣ» ва ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ ва рефератҳо истифода бурд.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавои диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла, дар мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Хулоса рисолаи диссертатсионии Мирзозода Шахриёр Мунавар** ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети

ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянин Россия-Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Суратмаҷлиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №1 аз 26 марти соли 2024.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби Элназаров Давлатшо Ходчаевич – мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, омода шуда, дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Дар ҷаласаи кафедра аз 10 нафар; 10 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» -10, «зид» - нест, «бетараф» - нест. Суратмаҷлиси кафедра таҳти №8 аз 29 марти соли 2024.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон — **Кравченко О.В.**

**Ташхисгар:** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент - мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон — **Элназаров Д.Х.**

**Котиб:** муаллимаи калони кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон — **Умедов К.М.**

Имзои ро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон — **Рахимов А.А.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, 734000, ш. Душанбе, М.Турсунзода, 30; Тел.: +(992) 37 221-35-50; Факс. +(992) 37 221-35-50; p.rektora@mail.ru; www.rtsu.tj.ru